## НАКШИ КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ БАРОБАРХУКУКИИ ШАХРВАНДОН БА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**“Кабули Конуни асосии кишвар, ки аслан бо дарназардошти андешаву пешниходхои сершумори мардуми шарифи Точикистон тахия гардидааст, танхо ба шарофати кӯшишу талошхои халки точик дар эъмори давлатдории навин муяссар гардид. Аз ин лихоз, кабули ин санад дастоварди бузурги миллии мо ба шумор меравад”.**

**Эмомалӣ Рахмон**

Чумхурии Точикистон баъд аз эълон намудани сохибистиклолии худ рохи наверо пеш гирифт, ки асоси онро эъмори давлати сохибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона ташкил медихад. Истиклоли давлатӣ дигаргунихои куллиро дар хама сохахои хаёти давлатию чаъмиятӣ ба миён овард. Махсусан, яке аз дастовардхои нодири замони сохибистиклолӣ ин кабули Конститутсияи Чумхурии Точикистон буд, ки асоси ба амал баровардани ислохоти низоми конунгузорӣ ва идоракунии давлатӣ гардид. Махз ин мархиларо мархилаи нави рушди низоми хукукии кишвар номидан мумкин аст.

Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар суханронии худ дар ичлосияи XXI Шурои Олии Чумхурии Точикистон 16 ноябри соли 1994 иброз намуда буданд, ки санаи 6 ноябри соли 1994 дар таърихи Чумхурии Точикистон вокеаи бузург ба вукуъ пайваст. Халки точик дар таърихи беш аз хазорсолаи давлатдориашон бори аввал Конститутсияи Чумхурии Точикистонро бо рохи раъйпурсии умумихалкӣ кабул намуданд.

Накши Конститутсия хамчун конуни асосӣ дар амалишавии хукуку озодихои шахрвандон

накши нихоят бузург дорад. Ин аст, ки як боби бузурги Конститутсия – боби дуюми он ба хукук, озодӣ вазифахои асосии инсон ва шахрванд бахшида шуда, хамчунин химояи онро тавассути санадхои хукуки ба таври зайл муайян намудааст: «*Хукуку озодихои инсон ва шахрванд ба воситаи Конститутсия, конунхои чумхурӣ ва санадхои хукукии байналмилалие, ки аз тарафи Точикистон эътироф шудаанд, хифз мегарданд*», кисми 1-и моддаи 14 Конститутсияи Чумхурии Точикистон. Дар баробари ин, махз яке аз омилхои асосие, ки имрӯз Конститутсияи Чумхурии Точикистон ба панчгонаи бехтарин Конститутсияхои чахон шомил мегардад, ба таври васеъ мукаррар намудан ва кафолат додани хукуку озодихои инсон ва шахрванд дар он мебошад.

Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар баробари мукаррар намудани хукуку озодихои инсон ва шахрванд, инчунин кафолати таъмини баробархукукии онхоро мукаррар намудааст. Яке аз хукукхо ва кафолати давлатии шахрвандон тибки Конститутсия, ин баробархукукии онхо ба хидмати давлатӣ ва дастарсии баробари он мебошад. Мувофикан, дар моддаи 27 Конститутсияи Чумхурии Точикистон омадааст: «*Шахрванд хукук дорад дар хаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шахрвандон ба хидмати давлатӣ хукуки баробар доранд*».

Бояд хотирнишон намуд, ки баъд аз мустакил гардидани Чумхурии Точикистон дар сатхи конунгузорӣ муайян намудани баробархукукии шахрвандон ба хизмати давлатӣ бори аввал ба шумор мерафт ва умуман падидаи хизмати давлатӣ падидаи нав махсуб меёфт. Таъмини баробархукукии шахрвандон ба хизмати давлатӣ, ки Конститутсия пешбинӣ намудааст, яке аз хукукхои сиёсии шахрвандон махсуб ёфта, аз сохибихтиёрии халк дарак медихад.

Идомаи мантикии мукаррароти моддаи 27 Конститутсия дар Конуни ЧТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз соли 1998 ва баъдан кафолати хукуки баробарии шахрвандон ба хизмати давлатӣ танзими пурраи худро дар Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007 ифода ёфт. Дар Конуни мазкур яке аз принсипхои кафолатдодашудаи давлат ин принсипи ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ мебошад, ки ифодаи худро дар моддаи 7 Конун дарёфтааст.

Мукаррароти моддаи Конуни мазкур хукуки баробарии шахрвандонро хангоми кабул шудан ба хизмати давлатӣ мувофики лаёкату тайёрии касбии онхо ва бидуни хеч гуна махдудият, аз чумла миллат, нажод, чинс, забон, эътикоди динӣ, мавкеи сиёсӣ, вазъи ичтимоӣ, тахсил ва молу мулк, хукуку озодихоро кафолат медихад. Дар баробари ин, дастрасӣ ба хизмати давлатӣ маънои фарохам овардани шароитро барои пайдо кардани

имконият аз чониби ахолӣ барои ишголи мансабхои холии хизмати давлатӣ мебошад. Ин асосан ухдадории давлат чихати чалби ахолӣ аз хама гуна кишри он ба хизмати давлатӣ мебошад. Мукарраротӣ мазкур хамзамон ифодакунандаи масъулияти давлат дар назди халк, ки хамчун нишонаи давлати хукукбунёд мебошад, махсуб меёбад.

Бо хамин назардошт, хулоса кардан мумкин аст, накш ва мавкеи Конститутсия дар кафолати хукуку озодихои шахрвандон, махсусан хукуки онхо ба хизмати давлатӣ бориз буда, танзими хукукии он тибки конунгузории сохавӣ низ дар сатхи зарурӣ ба рох монда шудааст. Конститутсия сарчашмаи мухимтарини хукуку озодихои инсон буда, кафолати марказии таъмин ва хифзи онхо махсуб меёбад.

**Наимчон НАБОТОВ, ассистенти кафедраи хукуки маъмурӣ ва молиявии факултети хукукшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Чумхурии Точикистон**